**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Раҷабалӣ Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, (ш. Душанбе, 2026 - 39саҳ)**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили илмии масъалаҳои вобаста ба тафтиши вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳшои нақлиётӣ дорои аҳаммияти баланди назариявию амалист. Ин масъала бо равандҳои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, муносибатҳои молумулкӣ ва афзоиши садамаҳои нақлиётӣ ба онҳо зич алоқаманд мебошад.

Ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳар як давлат ба шумор меравад. Ин бо он вобаста аст, ки ташаккули давлатдории муосир бо зарурати таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ ҳамроҳ мебошад.

Тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ яке аз мавзуъҳои мубрами илми криминалистика мебошад, ки дар амалия, солҳои охир тамоюли афзоиши илмӣ дорад. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, бо зиёд шудани шумораи воситаҳои нақлиёт, ҷолибияти предмети ҷиноят ва тағйири самти ин гуна кирдорҳо алоқаманд аст.

Масъалаи муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқии ҷиноятии ин навъи кирдорҳо, ки аз ҷониби қонунгузори ҷиноятӣ бо моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад, барои баланд бардоштани сатҳи пешгирӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти калон дорад.

Аҳаммияти мавзуъ, инчунин бо зарурати таҳкими ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятии шаҳрвандон ба ҳаёт ва саломатӣ ва таъмини имконияти озодона ва бе монеа истифода бурдани воситаҳои нақлиёти худ асоснок мегардад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар робита ба тафтиши криминалистӣ барои вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ барои илми криминалистика, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи тафтишию судии Тоҷикистон дорои аҳаммияти мубрам мебошад.

Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани садамаҳои нақлиётӣ бо ворид намудани меъёри махсус ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи кӯшиши қонунгузори миллӣ дар ҷудо намудани ин намуди кирдори барои ҷамъият хавфнок ба сифати ҷинояти мустақил мебошад. Мақсади чунин танзими ҳуқуқӣ аз он иборат буд, ки кирдори вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт нигаронидашуда аз ҷиноятҳои дигар, ба хусус аз ҷониби пиёдагард вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат, дар хатар монондан, фарқ карда шавад, зеро дар чунин ҳолат ҳама вақт мақсад аз ҷавобгар кардан мавҷуд нест.

Бо вуҷуди ин, хусусияти махсуси ин таркиби ҷиноят боиси ба миён омадани як қатор баҳсу андешаҳои гуногун дар миёни олимон ва ҳуқуқшиносон гардидааст. Махсусан, масъалаҳои муайян намудани ҳадду ҳудуди ҷойи ҳодиса, тартиби дуруст ба роҳ мондани тафтиши он, истифодаи донишҳои махсус ва ғ., инчунин муайян намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он, ҳанӯз ҳам баҳснок боқӣ мондаанд.

Дар чунин шароит таҳқиқи амиқи вазъиятҳои маъмули тафтишӣ, гузоштани тахминҳои криминалистӣ ва тафтиши онҳо, тартиб додани нақшаи тафтишӣ ва муайян кардани ҳолатҳое, ки дар он бояд оварда шаванд, аҳаммияти назаррас дорад.

Навгониҳои таҳқиқот шубҳае ба вуҷуд намеорад, зеро он дар натиҷаи таҳлили тавсифи криминалистии ин ҷиноят, муайян кардани тарзи содир

шудани ҳодиса, муайян кардани шахсияти гумонбаршуда ва ҷабрдида, истифодаи донишҳои махсус дар тафтиши садамаҳои нақлиётӣ ва ғ. ба даст оварда шудааст.

Навовариҳои кори мазкур дар хулоса ва пешниҳодоте, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ба таври возеҳ ифода ёфтаанд.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур бо усули илмӣ ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаҳо анҷом ёфтааст. Муаллиф тавонистааст, ки ба таври муфассал ва амиқ ҷанбаҳои гуногуни криминалистӣ ва ҳуқуқии мурофиавӣ-ҷиноятииро вобаста ба садамаҳои нақлиётӣ баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои боэътимод ва асоснок даст ёбад. Ин тадқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас, дақиқ ва илмӣ метавонад ҳамчун манбаи боэътимоду судманд барои такмил додани таркиби ҷинояти м.212 КҶ ҶТ истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд дар амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои ҳуқуқӣ дар ин самт саҳми назаррас гузоранд.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф дар матни автореферат барои ифода намудани тарзи дурусти азназаргузаронии воситаҳои нақлиётӣ якчанд ақидаҳои олимон ва амалияи тафтиширо истифода бурдаасту таҳлили камбудиҳои ҷойдошта ва хулосабарориро дар он дақиқ ҷой надодааст. Аз ин лиҳоз, муаллифро зарур буд, ки мавқеи илмии худро дар мавриди тартиби дурусти гузаронидани азназаргузаронии воситаҳои нақлиётӣ пешниҳод ва асоснок намуда онро мавриди истифода қарор медод.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф тадқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона ва таҳия шуда, масъалаи муҳими тафтишӣ, мурофиавӣ ва ҳуқуқи ҷиноятиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии **Саидзода Раҷабалӣ Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси **5.5.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ,** мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф.Ш.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Роғун, 735417
Ҷамоати деҳоти Қади об деҳаи Қалъаи нав, хонаи 315
Тел.:992 917375555
E-mail: falizoda2017@mail.ru

Имзои Алиев Ф.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо, ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.
«6» 05 соли 2026

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, шаҳри Душанбе, к. Деҳоти 1/2,
Тел.: +992 (37) 234-83-46
Факс: (37) 234-85-46 E-mail: info@ddtt.tj; tguk2025@gmail.com